“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
________________
______________с. 2020

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир” дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

Ҳангоми омода намудани рисола, Сайфуллозода Сулаймон унвонҷуйи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисод, профессори кафедраи кори бонкии ДМТ, Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич мебошад.

Сайфуллозода Сулаймон соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “таърих ва фалсафаи илм” ва “забони англисӣ” тибқи нақшаи таълимии Донишгоҳи миллӣ супорида шуда, имтиҳони номзадӣ аз рӯи ихтисос бошад, дар давоми соли 2020 супорида мешавад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Сайфуллозода Сулаймон дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020, суратҷаласаи №2 бо иштироки васеъи устодон ва олимони соҳа муҳокима карда шуд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзади дар мавзӯи “Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир” чунин хулосабарорӣ карда шуд.

1. **Баҳодиҳии иҷрои рисола.** Рисолаи илмии Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи “Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир” ба муаммоҳои мубрами низоми бонкӣ бахшида шуда, таҳқиқотӣ анҷомёфта ба ҳисоб

меравад. Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асосӣ илмӣ ёфтанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор рафта, ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки дар раванди пажуҳиш бадаст омадаанд, ба муаллифи диссертатсия вобастаанд. Ҳамаи корҳои анҷомёфта аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааast.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда методҳо ва моделҳои гуногуни илмӣ дар самти идоракунии хавфҳои мавқеи кушодаи асъорӣ истифода шудаанд.

4. **Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ**, ин таҳияи муқарраротии назариявие мебошад, ки барои мукаммал намудани амалиётҳои асъории бонкӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ равона карда ба шумор меравад.

5. **Объекти таҳқиқот** – бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаронидани амалиётҳои асъории онҳо.

6. **Мавзӯи таҳқиқот** – муносибатҳои иқтисодие, ки дар рафти гузаронидани амалиётҳои асъорӣ ба вуҷуд омада, ҳамчун яке аз хизматрасониҳои асосии бонкӣ, раванди мукаммал намудани онҳо бо мақсади таҳким ва тақвияти бонкҳои тиҷоратии кишвар мебошад.

7. **Навгониҳои илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия аз муқарарроти зерин иборат аст:**

✓ Тафсири муаллифии мафҳуми "амалиёти асъорӣ" маънидод карда шудааст, ки зери ин амалиётҳое фаҳмида мешаванд, ки ҳангоми гузаронидани онҳо асъори хориҷӣ истифода мешавад, тартиби гузаронидани онҳо аз тарафи қонунгузорӣ муайян карда шуда онҳо ба амалиётҳои ҳаннотии бонкӣ мансуб мебошанд. Бозори асъор, ин пеш аз ҳама низоми иқтисодиест, ки дар доираи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ амал мекунад ва иштирокчиёни асосии он бонкҳои миллӣ (марказӣ), бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ мебошанд, ки ҳуқуқи анҷом додани амалиёти асъориро доранд.

✓ хусусиятҳои ташкили амалиётҳои асъорӣ муайян карда шуд, ки он аз вобастагии зиёд аз иқтисодиёти Федератсия Россия, таъсири таҳримоти иқтисодӣ ва қурби рубли русӣ иборат мебошад; интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ; танзими шадиди асъорӣ аз ҷониби Бонки миллӣ; мавҷудияти бозори "сиёҳ" – и асъорӣ, инчунин дастрасии маҳдуд ба муносибатҳои мустақими муросилотӣ бо бонкҳои хориҷӣ.

✓ асоснок намудани пешниҳоди оид ба мукаммал кардани заминаи меъёрӣ – ҳуқуқии рушди амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аз нуқтаи назари таҳияи стратегияи оптимизатсияи танзими давлатӣ;

✓ таҳия намудани модели оптимизатсияи идоракунии хавфҳои бонкии бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми мавқеи кушодаи асъорӣ;

✓ муайян намудани дурнамои рушди амалиётҳои асъорӣ дар самти ҳавасмандкунии рушди босуботи низоми бонкӣ, муқаррар намудани роҳҳои мукаммалнамоӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ.

✓ арзёбии нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзим ва назорати рушди самаранокии амалиётҳои асъорӣ дар самти рушди маҷмуии низоми бонкӣ пешниҳод карда шудааст. Муайян гардидааст, ки ба зиммаи Бонки миллӣ масъалаҳои хеле вазнин вогузор карда шудааст, ки на ҳавамақт иҷроиши онҳо дар доираи масъулияти он имконпазир буда, қабул намудани қарорҳои шадид, саривақтӣ ва дар баъзе ҳолатҳо қарорҳои ғайримаъмулиро пешбинӣ намуда, дар маҷмӯъ он танҳо ба тақвияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёт равона карда мешавад.

✓ модели оптимизатсияи идоракунии хавфҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми мавқеи кушодаи асъорӣ бори дигар такмил дода шуда, моҳияти он аз диверсификатсияи хавфҳо аз ҳисоби муайян кардани таносуби ҳадди ниҳоии асъор дар сандуқи асъори бонк иборат буда, дар он хавфи мавқеи кушода бо асъорҳои гуногун ба ҳадди камтарин аз ҳисоби ҷуброни зарари як асъор, фоидаи дигар ҳангоми сатҳи пасти кореллятсияи қурби асъорҳои номбаршуда.

✓ дурнамои рушди амалиётҳои асъорӣ дар заминаи дастгирии рушди устувори низоми бонкӣ тавассути васеъ намудани доираи

маҳсулотҳо, омӯзиши амиқ ва ҷорӣ намудани имкониятҳои нави технологӣ, таҷдиди равандҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, муайян карда шуд.

8. **Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи "Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз иҷро гардида, ба бандҳои дахлдор ва зарурии шиносномаи ихтисоси КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

9. **Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст.** Натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст карда шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори тадқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмӣ, дар конференсияҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар мақолаҳои илмии дар солҳои 2018 – 2020 навишта шуда, нашр гардидаанд.

10. Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,75 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 5 – тои он дар Паёмҳое, ки аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Феҳристи интишороти илмии унвонҷӯй Сайфуллозода С.:**

***А) дар нашрияҳои ба Номгӯи маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшавандаи тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:***


1. **Сайфуллозода С.** Особенности организации валютных операций коммерческих банков Республики Таджикистан / Хикматов У.С., Сайфуллозода С. // Вестник ПНИПУ: социально-экономические исследования. 2020. № 1. – С.280-290.
2. **Сайфуллозода С.** Таснифи амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / Хикматов У.С., Сайфуллозода С. // Паёми молия ва иктисод. 2019. № 3 (19). Душанбе. – С. 85-93.

3. **Сайфуллозода С.** Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан/ *Хикматов У.С., Сайфуллозода С.* // Вестник университета (РТСУ). 2019. № 3 (67). Душанбе. – С. 41-52.
4. **Сайфуллозода С.** Теоретические аспекты сущности валютных операций в коммерческих банках Таджикистана / Хикматов У.С., Сайфуллозода С. // Труд и социальные отношения. 2019. Том 30. № 4. С. 136-149. DOI 10.20410/2073-7815-2019-30-4-136-149.
5. **Сайфуллозода С.** Необходимость пересмотра подходов в решении проблем повышения финансовой грамотности населения / *Хикматов У.С., Сайфуллозода С.* // Вестник университета (РТСУ). 2019. № 1 (65) 2019. Душанбе. – С. 41-49.

*Б) Дар дигар нашрияҳо:*

6. **Сайфуллозода С.** Аҳамияти назариявии мафҳуми амалётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / Сайфуллозода С.; Хикматов У.С. Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт» (27 феврали 2020). Душанбе. – С. 93-96.
7. **Сайфуллозода С.** Таҳлили монеъаҳои асосӣ дар рушди амалиётҳои асъорӣ дар Федератсия Русия / Сайфуллозода С. // Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт» (27 феврали 2020). Душанбе. – С. 451-454.
8. **Сайфуллозода С**. Опыт стран СНГ в проведении и регулировании валютных операций коммерческих банков / Хикматов У.С., Сайфуллозода С. // Финансово-кредитные механизмы регулирования и развития экономики стран СНГ. Материалы международной научно-практической конференции. Душанбе: РТСУ, 2019 – С. 347-350.

Диссертатсияи унвонҷӯ Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи "Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз бо назардошти ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта ба марҳилаҳои минбаъда тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020, суратмаҷлиси №2 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок намуданд 29 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 29 нафар. Натиҷаи воздиҳӣ "тарафдор" 29 нафар, "зид" нест, "бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд, аз суратҷаласаи №2 аз 07.09.2020 сол.

**Раис:**
**н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи кори бонкии ДМТ** **Сайфуров К.Ф.**

**Котиб:**
**н.и.и., м/к** **Ғаюров Ғ.Ҳ.**

ИМЗОИ / ПОДПИСЬ Сайфуров К.Ф., Ғаюров Ғ.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо/подпись)

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ